## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020100 – фалсафа, 6D020600 – диншиносӣ, ки дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис ёфтааст, доир ба диссертатсияи Муҳамадҷони Тағоймуроди Раҳматулло дар мавзӯи «Ғояҳои фалсафаи маориф дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа.**

**Комиссияи экспертии шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ шудааст:**
**- доктори илмҳои фалсафа, профессор Қодиров Қ.Б. (09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ), раиси комиссия;**
**- доктори илмҳои фалсафа, профессор Назариев Р.З. (09.00.03 – таърихи фалсафа), аъзо;**
**- доктори илмҳои фалсафа, профессор Ҷононов С. (09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ), аъзо.**

Аъзоёни комиссияи ташхис диссертатсияи Муҳаммадҷони Тағоймуроди Раҳматуллоро дар мавзӯи «Ғояҳои фалсафаи маориф дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII» муҳокима карда таъкид намуданд, ки омӯзиш, таҳқиқ ва баррасии ғояҳои фалсафаи маориф дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII яке аз мавзӯъҳои муҳими илми фалсафаи маориф маҳсуб ёфта, дар шароити муосир таҳқиқи ин мавзӯъ аз тарафи диссертант як қадами нав дар омӯзишу рушди таърихи фалсафаи маорифи тоҷик мебошад.

Диссертатсияи Муҳаммадҷони Тағоймуроди Раҳматулло ба таҳқиқу баррасии ғояҳои фалсафаи маориф дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII бахшида шуда дар он сарчашмаҳои пайдоиш ва ташаккули ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII, нақши тамаддуни ориёӣ ва фарҳанги исломӣ дар рушду инкишофи ғояҳои фалсафаи маорифи ин давра, таълимоти маорифпарваронаи мутафаккирони тоҷику форс дар асрҳои IX-XIII аз қабили Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯлқосим Фирдавсӣ, Абӯрайҳон Берунӣ, Абӯнасри Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абубакри Розӣ, Умари Хайём, Носири Хусрав, Насируддини Тусӣ, Саъдӣ Шерозӣ ва дигарон, масъалаи ташаккули шахсият дар осори ин бузургони илму фарҳанг ва хусусиятҳои асосии фалсафаи маорифи халқи тоҷик дар асрҳои IX-XIII мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

**Аҳамияи назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар рисолаи мазкур афкори таълимӣ ва тарбиявии мутафаккирони форсу тоҷик аз нуқтаи назари фалсафаи маориф мавриди омӯзиш ва баррасӣ

қарор гирифта аҳамияти амалии он дар рушди маорифи муосир ва самаранок гардидани раванди тарбияи насли наврас дар шароити муосир ошкор карда шудааст.

Ба ақидаи диссертант афкори фалсафаи маорифи халқи тоҷик, ки заминаи асосии ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маънавиёт ба ҳисоб меравад, ин рисолати худро дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ бомуваффақият ба анҷом расонидааст. Дар шароити имрӯзаи соҳибистиқлолии кишвар, истифодаи чунин як заминаи инкишофи ҷаҳонбинӣ ва маънавиёти ҷомеа, нисбат ба марҳилаҳои дигар, аҳамияти махсусро касб намудааст. Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ, ки ворид гардидани унсурҳо ва арзишҳои бегона мушоҳида карда мешавад, ба хотири нигоҳ доштани арзишҳои миллӣ, инкишофи ҷаҳонбинӣ, баланд бардоштани сатҳи маънавии ҷомеа, таъмин намудани раванди самараноки таълиму тарбия, рӯй овардан ба омӯзиши ғояҳои фалсафаи маорифи халқи тоҷик дорои аҳамияти махсуси илмӣ мебошад.

Яке аз давраҳои муҳими инкишофи фалсафаи халқи тоҷик, ки бо дастовардҳои фарҳангӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ муҳимият пайдо намудааст, асрҳои IX-XIII ба ҳисоб меравад. Мувофиқи даврабандии инкишофи афкори фалсафаи маорифи тоҷик асрҳои IX-XIII аз дигар давраҳои таърихӣ бо ғояҳои самарабахшу ҷомеасозаш фарқ мекунад. Маҳз дар ҳамин давра ғояҳои судманди фалсафаи маорифи тоҷик, ки сатҳи баланди маънавиро соҳибанд эҷод гардиданд, ки дар афкори таълимӣ ва тарбиявии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абумансури Дақиқӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абурайҳон Берунӣ, Абунасри Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абубакри Розӣ, Умари Хайём, Насириддини Тусӣ, Саъдии Шерозӣ ва дигарон таҷассум гардидааст. Таҳқиқи илмии ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII барои инкишофи имрӯза ва ояндаи маориф ва беҳтар намудани сифати таълиму тарбия дар кишвар мусоидат менамояд. Илова бар ин, истифодаи амалии афкори мутафаккирони ин давра бар зидди андешаҳои иртиҷоиву манфӣ замони муосир боиси фаъолияти созанда мегардад.

- Хулоса ва пешниҳодҳои тадқиқот барои омӯзиш ва баррасии минбаъдаи фалсафаи маориф метавонанд ҳамчун замина хизмат кунанд. Инчунин ҷиҳатҳои назариявӣ ва хулосаҳои таҳқиқотро метавон дар коркарди курсҳои махсуси таълимии фалсафаи иҷтимоӣ, фалсафаи маориф, педагогика, назария ва таърихи фарҳанг, сотсиология ва психологияи иҷтимоӣ истифода намуд.

**Дар диссертатсия ба таври мушаххас навгониҳои зерин ба ҳимоя пешниҳод шудаанд:**

- ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII таҳлил карда шуда, хусусиятҳои он бо хулосаҳои илмӣ нишон дода шудаанд;
- ба таври мушаххас сарчашма ва заминаҳои ташаккул ва инкишофи ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII ошкор ва таҳлил карда шудаанд;

- ба таври мушаххас низоми таълиму тарбияи дар доираи тамаддуни ориёӣ мавриди омӯзиш, баррасӣ ва таҳлили илмӣ қарор дода шудааст. Нақш ва мақоми низоми таълиму тарбияи тамаддуни ориёӣ дар инкишофи ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII баҳогузорӣ карда шудааст;

- афкори таълимӣ ва тарбиявии мутафаккирони форсу тоҷик аз нуқтаи назари фалсафаи маориф мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифта аҳамияти онҳо дар шароити имрӯза нишон дода шудаанд;

- таъсири афкори таълимӣ-тарбиявии мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII ба инкишофи афкори минбаъдаи мутафаккирони ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ гардида, аҳамияти амалии он дар рушди маорифи муосир ва самаранок гардидани раванди тарбияи насли наврас дар шароити муосир ошкор карда шудааст.

Бо матни диссертатсияи таҳқиқотии Муҳамадҷони Тағоймуроди Раҳматулло дар мавзӯи «Ғояҳои фалсафаи маориф дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII» шинос шуда, дар натиҷа ҳайати комиссия ба чунин хулоса омад:

1. Рисолаи тадқиқшаванда ба талаботи илмии тадқиқотии фалсафаи иҷтимоӣ ҷавобгӯ буда, моҳияти воқеъияти фалсафаи иҷтимоии муосирро дуруст инъикос менамояд. Сарчашмаҳои илмии истифодашуда, таҳлили воқеии ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII, сарчашмаҳои асосии рушди маорифи ин давра ва таълимоти маорифпарваронаи мутафаккирони тоҷик дар ин давраро дар бар гирифта, ҳамчун таълимоти фалсафӣ ба ихтисоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқат мекунад;

2. Мамуни автореферат ба мазмуни рисола мувофиқат мекунад;

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти рисола, хулоса ва тавсиаҳои Муҳамадҷони Тағоймуроди Раҳматулло дар 5 мақолаи илмии ӯ, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, дарҷ шудааст;

4. Пешниҳод карда мешавад, ки доир ба диссертатсияи Муҳаммадҷони Тағоймуроди Раҳматулло ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат таъйин карда шавад;

5. Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи Муҳаммадҷони Тағоймуроди Раҳматулло дар мавзӯи **"Ғояҳои фалсафаи маориф дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII"** мутаххасисони зерин таъйин карда шаванд:

Маҳмадҷонова Муҳиба Талатҷоновна – доктори илмҳои фалсафа, ходими пешбари Маркази синошиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои

Ҷумҳурии Тоҷикистон; Қурбоншоев Илҳом Ҷумахонович – номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ

6. Барои ворид намудани авторефеоати диссертатсия ва эълони ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

7. Барои чоп намудани автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои фалсафа, профессор /__________/ Қ.Б. Қодиров

**Аъзоёни комиссия:**

доктори илмҳои фалсафа,

профессор /__________/ Р.З. Назариев

доктори илмҳои фалсафа /__________/ С. Ҷононов

ИМЗОИ ПОДПИСЬ Кодиров К.Б.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

31.03.2020